“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
__________ Раҳмон Д.С.
“ 28 ” __________ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи номзадии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих)**

Диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар асоси амалӣ намудани нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара анҷом дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия - 1 нафар доктори илмҳои таърих, профессор, 4 нафар номзади илмҳои таърих, 10 нафар муаллимони калон ва ассистентон дар маҷмуъ 15 нафар аъзоёи кафедра иштирок доштанд.

Муассисаи тақриздиҳанда дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои таърих, профессор Абдуллоев Маҳмуд Холович омода гардид, иброз менамояд, ки диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи рӯзмарра навишта шуда, аҳамияти назариявию амалии илмӣ дорад.

Пеш аз ҳама бояд таъкид намуд, ки мавзуи интихобнамудаи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар ба яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи халқи тоҷик ихтисос дода шуда, хеле мубрам ва ҷолиб мебошад. Ба андешаи муаллиф тоҷикон, ки яке аз қадимтарин халқҳои тамаддунсоз ва соҳибфарҳанг мебошанд, дар рушди илму фарҳанги ҷаҳон саҳми

муносиб гузоштаанд. Аз баски онҳо то истилои араб бо илмҳои гуногун ошноӣ доштанд, аз поягузорони илмҳои мухталиф дар хилофати араб мебошанд. Дар замони соҳиби давлатҳои миллӣ будан, бахусус дар аҳди Сомониён низ донишмандони тоҷик парчамбардори илм буданд. Пас аз шикасти давлати Сомониён ва то давраи ҳамлаи муғул ба сарзамини тоҷикон донишмандони тоҷик дар дарбори ҳокимони гуногун ва берун аз дарбори подшоҳони мухталиф гирд омада, анъанаи ниёгони худро идома дода, бо эҷоди осори гаронқадри худ на танҳо дар ҷаҳони ислом, балки дар саросари олам ба ҳайси парчамбардорони илму дониш, бахусус илмҳои дақиқу табиатшиносӣ шинохта шудаанд. Осори гаронбаҳои онҳо ба забонҳои гуногун тарҷума шуда, бархе аз таълифоти онҳо то асрҳои XVII-XVIII китобҳои дарсии донишгоҳҳои Аврупо ва китобҳои рӯи мизии донишмандони аврупоӣ боқӣ монданд.

Аз ин лиҳоз омӯзишу пажуҳиши мавзуи мазкур аз як тараф ба саҳифаҳои торики таърихи илми асримиёнагии тоҷик равшани андохта, аз ҷониби дигар дар дастраси хонадони тоҷик қарор додани корномаи бузургони риштаҳои гуногуни илми тоҷик ва муаррифии он ба имрӯзиён дар қалби ҷавонони худогоҳу илмдӯсти тоҷик ҳиссу ифтихори худшиносию худогоҳиро бедор мекунад, ки ин амр вазифаи ҷонии насли калонсол ва миёнсол дар назди насли ҷавон мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар омӯзишу пажӯҳиши мавзуи зикршуда дар радифи осори донишмандони асрҳои XI-XII-и халқи тоҷик ба ҳайси сарчашма, ҳамзамон аз таълифоти илмии муҳаққиқони тоҷик, эронӣ, рус ва аврупоӣ ба таври васеъ истифода намуда тавонистааст дар асоси мутолиоти васеи худ диссертатсияи қобили мулоҳиза таълиф намояд. Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқоти Раҳимзода Қурбоналӣ Назарро асосан осори донишмандони бузурги халқи тоҷик Кушёри Гелонӣ, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Абдуҷаббори Хуҷандӣ, Аҳмади Насавӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абубакри Караҷӣ, Исмоили Ҷурҷонӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абулфазли Байҳақӣ, Носири Хусрави

Қубодиёнӣ, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ ва чанд тани дигар, ки ба ҳайси олимони энсиклопедист шинохта шудаанд, ташкил медиҳанд.

Паҳлуҳои гуногуни осори онҳо аз ҷониби олимони тоҷик Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мӯсо Диноршоев, Нурмуҳаммад Амиршоҳи, Нуъмон Неъматов, Абдулҳай Комилӣ, донишмандони эронӣ Муҳаммад Найнурӣ, Монук Монукиён, Нурулло Кисоӣ, Маҳмуди Наҷмободӣ, Содиқи Оинаванди, Юнус Кароматӣ, пажӯҳишгарони русу аврупоӣ Е. С. Конедӣ, А. Метс, З. Ҳунка, Ҷ. Сартон, Г.П. Матвиевская, М.М. Рожанская ва чанд тани дигар мавриди пажӯҳиш карор гирифта, ки Раҳимзода Қурбоналӣ Назар тавонистааст аз онҳо баҳра бардошта таҳқиқоти ҷолиберо ба анҷом расонад.

Олимони дар боло номбаршуда эҷодиёти мутафакирони асрҳои XI-XII-и тоҷикро ба ҳайси мунаҷҷим, риёзидон, пизишк, файласуф ва намояндагонӣ дигар илмҳои табиатшиносю ҷомеашиноси мавриди баҳсу баррасӣ қарор додааанд. Аммо Раҳимзода Қурбоналӣ Назар ба сифати як нафар муаррих ҳаёти илмии асрҳои XI- XII-и тоҷикро дар ҳамбастагӣ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии олимони риштаҳои гуногуни илми давраи мавриди назари худ аз нуқтаи назари таърихӣ ва илми таърихшиносӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

**Мақсади асосии таҳқиқ** таҳлилу баррасии илмӣ ва ҳамаҷонибаи вазъи шохаҳои гуногуни илми тоҷик дар асрҳои XI-XII мебошад.

**Обекти таҳқиқот** муайян намудани вазъи илмҳои табиатшиносию ҷамъиятшиносӣ дар асрҳои XI-XII ба ҳисоб меравад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки дар боби ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII таҳқиқоти маҷмуӣ маҳсуб меёбад.

**Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, номгӯи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши илмии он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқот муайян шуда, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмию аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва сохтори диссертатсия баён шудаанд.

Боби якуми диссертатсия - «**Вазъи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ» -** аз чор зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал - **«Рушди илми нуҷум (астрономия) дар асрҳои XI-XII» -** муаллиф ба таҳлили ҳаёту фаъолияти мунаҷҷимони давраи мазкур пардохта, менависад, ки нуҷум (астрономия) яке аз қадимтарин илмҳои роиҷ дар миёни ақвоми ориёӣ, минҷумла тоҷикон буда, ниёкони мо аз поягузорони илми нуҷум дар давраи садри ислом ба шумор рафта, ин риштаи илмро дар асрҳои IX-X ба авҷи аъло расонидаанд ва дар асрҳои XI-XII низ ривоҷ додаанд. Ҳаминро бояд қайд кард, ки дар асрҳои XI-XII ин риштаи илм ба дараҷаи ниҳоӣ рушд намуда, онро ниёгони мо рушду равнақ бахшидаанд, ки дар эҷодиёти олимони асримиёнагӣ, махсусан асрҳои XI-XII бар аъло мушоҳида мегардад.

Дар зербоби дуюми боби аввал, ки - «**Пешрафти илми риёзиёт (математика) дар асрҳои XI-XII» -** унвон дорад, муаллиф ба муаррифии донишмандони илмҳои риёзӣ ва саҳми онҳо дар рушду такомули ин илм мепардозад. Ба ақидаи муаллиф, дар радифи илми нуҷум гузаштагони мо ҳамчунин ба ҳайси поягузорони илми риёзиёт низ шинохта шудаанд.

Муаллиф қайд мекунад, ки илми риёзии асрҳои XI-XII давоми бевоситаи асрҳои IX-X буда, ситораҳои тобноки худро ба ҷаҳон арза намудааст, ки Кушёри Гелонӣ, Абунасри Ироқ, Умари Хайём, Абулҳасани Насафӣ, Абурайҳони Берунӣ, Абулҷуд Муҳаммад ибни Лайс, Шарафуддин Масъуди Тӯсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абулҳасани Қойинӣ, Абунасри Мансур, Абусаиди Санҷарӣ, Абуалӣ Каттонии Марвазии Бухороӣ ва дигарон аз ин қабиланд.

Дар зербоби сеюми боби якуми диссертатсия - «**Вазъи илмҳои физика ва химия**» - муаллиф менигорад, ки дар асрҳои XI-XII доир ба илми физика ё илми табиӣ як зумра донишмандони сатҳи гуногун асарҳо офаридаву дар рушду нумуи нисбии он саҳм гузоштаанд.

Дар диссертатсия омадааст, ки Абурайҳони Берунироро дар радифи Закариёи Розӣ метавон яке аз поягузорони физикаи амалӣ дар асрҳои миёна донист. Ӯ дар роҳи муайян намудани вазни хоси ҷисмҳо ба дастовардҳои чашмгир ноил гашта, натиҷаҳои ба даст овардаи вай аз натоиҷи имрӯза, ки бо дастгоҳҳои дақиқтар ва техникаҳои ҷадид ба даст омадааст, тафовути хеле кам дорад. Бояд таъкид намуд, ки Берунӣ нахустин шуда дар таърихи илм амалияи тарзи озмоиши таҷрибаҳои амалиро ба миён гузошта, тавонист, ки ба воситаи асбоби ихтироънамудаи худ фузулоту гавҳарҳоро то дараҷае тасниф кунад, ки аз нишондодҳои илмии замони ҳозира кам фарқ мекунанд.

Дар зербоби чаҳоруми боби якум доир ба масъалаи «**Илми тибби тоҷик дар асрҳои XI-XII**» кор карда, муаллиф сарчашмаи рушди илми тибро қадимӣ донистa ва инъикоси онро дар китоби муқаддаси “Авесто” ёдоварӣ менамояд. Муаллиф қайд мекунад, ки тибби тоҷик таърихи қадима дошта, ниёгони мо аз замонҳои қадим бо табиат ва олами наботот ошноӣ доштаанд ва онро дар давраҳои гуногуни таърих ривоҷу равнақ бахшидаанд. Аз гуфтаҳои муаллиф бармеояд, ки тоҷикон хусусиятҳои шифобахшии растаниҳо ва гиёҳҳоро омӯхта, дар табобати инсонҳо аз он истифода менамудаанд. Аммо ин амал дар асрҳои XI-XII боз ҳам бештар тараққӣ менамояд ва дар ин аҳд бузургтарин шахсиятҳо ба арсаи эҷод омада, ки то ба имрӯз шуҳрати ҷаҳонӣ доранд.

Боби дуюми диссертатсия - «**Вазъи илмҳои ҷомеашиносӣ**» - аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал - «**Рушди таърихнависӣ**» - унвонҷӯй менависад, ки дар асрҳои XI-XII дар радифи дигар илмҳои табиатшиносию

ҷамъиятшиносӣ илми таърихнависии тоҷик низ аз рушди нисбӣ бархӯрдор буд.

Дар миёни осори таърихии ин давра «Таҷориб-ул-умам»-и Ибни Мискавайҳ, «Таърихи ғурар-ус-сияр» маъруф ба «Шоҳнома»-и Саолибӣ, «Таърихи Яминӣ»-и Утбӣ, «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Форснома»-и Ибни Балхӣ, «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ, «Китоб-ул-ансоб»-и Самъонӣ ва ғайра мавқеъ ва манзалати хос доранд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм - **«Илмҳои фалсафа ва таҳаввулот дар афкори файласуфон» -** муаллиф ба баҳсу баррасӣ дар атрофи мавқеи илми фалсафа дар асрҳои XI-XII ва нақши бархе аз файласуфону осори онҳо дар таърихи фалсафа мепардозад.

Диссертант менависад, ки дар ин давра дар таърихи фалсафаи тоҷик мактабҳо, равияҳо, ҷараёнҳо ва ҷаҳонбиниҳои гуногун аз қабили фалсафаи машоъ, калом, муътазила, ашъария, тасаввуф, ишроқ, исмоилия ва ғайра вуҷуд доштанд, ки мутафаккирони он замон пайрави ин ҷараёнҳои мухталиф буданд.

Зербоби сеюми боби дуюм - **«Саҳми тоҷикон дар пешрафти илмҳои исломии асрҳои XI-XII» -** ба таҳқиқи нақши донишмандони тоҷик дар густариши улуми исломӣ ихтисос дода шудааст. Дар робита ба ин масъала, муаллиф менависад, ки мардуми ориёинажод, минҷумла тоҷикон дар густариши улуми исломӣ (фиқҳ, тафсир, ҳадис, калом) аз оғози паҳн гардидани ислом ва дар асрҳои XI-XII беҳтарин ва бузургтарин хидматро кардаанд, ки чунин хидматро ҳатто арабҳо накардаанд.

**Дар хулосаи диссертатсия** фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шуда, инчунин пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои ӯ низ боиси қабул мебошанд.

Ҳамин тавр нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, аз лиҳози илмӣ-методӣ хислати навгонӣ доранд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос кардаанд.

Сохтор ва мазмуни асосии диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи **«Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII»** мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгуи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия мувофиқ мебошад. Диссертант оид ба мавзуи диссертатсияи худ 12 кори илми, аз ҷумла 6 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи мазкур базе нуқсону норасоӣ ба назар мерасанд, ки инҳо мебошанд:

1. Иқтибосҳои дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия овардашуда дар поварақиҳо нишон дода нашудаанд.

2. Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия осори фалсафии Абуали ибни Сино ба таври пурра таҳлил нашудааст.

3. Дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия дар бораи фаъолияти илмию таълимии мадрасаҳои "Низомия" маълумот камтар дода шудааст.

4. Дар матни диссертатсия камбудиҳои техникию имлоӣ низ ба назар мерасанд.

Аммо, эродҳои овардашуда қимати илмии дисертатсияро кам намегардонанд, онҳо зуд ислҳшаванда буда, муаллиф метавонад пеш аз ба нашр пешниҳод намудани монография онҳоро ба назар гирифта, ислоҳ намояд.

Хулоса, диссертатсия дар мавзуи **«Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII»** ба талаботи банди 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он - Раҳимзода Қурбоналӣ Назар сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ санаи 28 уми августи соли 2023 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «ҷонибдор» – 15 нафар; «муқобил» – нест; «бетараф» – нест; (Суратмаҷлиси кафедра №1 аз 28 августи соли 2023).

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи
Рӯдакӣ номзади илмҳои таърих Суфиев Садриддин Насридинович

Ташхисгар:
д.и.т., профессори кафедраи таърихи
халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Абдуллоев Маҳмуд Холович

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои таърих Сафаров Холмад Хоркашович

Имзоҳои д.и.т. профессор, Абдуллоев М.Х. ва номзади илмҳои таърих Суфиев С.Н. Сафаров Х.Х.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

Суроғаи муассиса:
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Тел.:(+992 3322) 2-35-06
E-mail:info@kgu.tj
«28» 08 соли 2023